***Давлятбоева Сарвиноз** – номзади илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ АТТ*

# РУШДИ ТАРБИЯИ СОЛИМӢ ВА ТАЪСИРИ ВАРЗИШИ ОММАВӢ

Солҳост, ки 19 май ҳамчун тадбири муҳими оммавии варзишӣ - ДАВИ МИЛЛӢ ба ҳукми анъана даромадааст: ин тадбири муҳим дар доираи чорабиниҳо ҳамасола дар арафаи Рӯзи ҷавонон сурат мегирад, ки пеш аз ҳама маънои ҷалби насли ҷавонамонро ба варзишу тарзи ҳаёти солимро дорад. Зеро пешрафти ҷомеа низ аз насли солим алоқамандии ногусастанӣ дорад...

Дави миллии имсола хусусияти хосе дорад: имсолро дар фазои варзиши кишвар ҳамчун саҳифаи арзишманд бояд маънидод кард: дар идомаи ташаббусҳои башардустонаи ҷаҳонии Пешвои муаззам пазируфта шудани пешниҳоди навбатии Тоҷикистон - раиси Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон мӯҳтарам Рустами Эмомалӣ дар мавриди эълон намудани Рӯзи умумиҷаҳонии футбол - 25 май худ ҳам дар таърихи варзиши кишвар ва ҳам таърихи варзишу футболи ҷаҳон ҷовидона сабт ёфт...

Дар ин баробар, навгониҳои Тими миллии футбол ва Дастаи футзали кишвари азизамон - дастоварди арзишмандашон, ки бори нахуст ба вуқуъ пайваста, аҳамияти сатҳи ҷаҳониро касб карданд, ҳам дар таърихи варзиши кишварамон ва ҳам саҳифаҳои варзиши ҷаҳонӣ сабт гаштанд...

Дар идома бо ибтикори шаҳрдории пойтахти азизамон ва Федератсияи ҷудоямон тӯли чанд рӯз маркази кишвар бо баргузории Мусобиқаи бонуфузи ҷудочиени ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи олами варзишу ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд...

Ин навгониҳои арзишманди варзишӣ - ба макони мусобиқаҳои сатҳи баланди ҷаҳонӣ мубаддал гаштани Тоҷикистони азизамон муборакамон бошад!

Бо ташаббуси Тоҷикистон - мӯҳтарам Рустами Эмомалӣ қабул гаштани Рӯзи умумиҷаҳонии футбол муборакамон бошад!

Баргузории тадбири муҳими оммавӣ - Дави миллӣ муборакамон бошад!